ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 418/б ш. Душанбе

Дар бораи баробаразиш эътироф кардани дипломи дараҷаи илмии Шерализода Назриало Шерали

Мутобиқи сархати панҷуми банди 9, сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 тасдиқ гардидааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ (ИКД №001962), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон аз 26 октябри соли 2017, №8к-1/3 ба Шерализода Назриало Шерали дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.36. Геологияи инжинерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ баробаразиш дониста шавад.
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) ҳуҷҷати намунаи давлатиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ